# «НАҚШИ НАВРӮЗ ДАР ТАҲКИМИ ҲУВИЙЯТИ МИЛЛӢ»

Имрӯз, 16-уми марти соли 2026 дар толори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳти унвони «Нақши Наврӯз дар таҳкими ҳувийяти миллӣ»конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Наврӯзи байналмилалӣ баргузор гардид. Конференсияро директори муассиса Ниёзӣ Сироҷиддин ифтитоҳ намуда, зимни суханронӣ таъкид кард, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ ҷашни Наврӯз бо сиёсати фарҳангпарварона ва ташаббусҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми хосса касб намуда, ба рамзи муҳими худшиносӣ, ваҳдат ва эҳёи арзишҳои миллӣ табдил ёфтааст. Қайд гардид, ки маҳз бо талошҳои пайвастаи Пешвои миллат Наврӯз аз доираи ҷашни миллии мардумӣ фаротар рафта, ба як падидаи фарҳангии умумибашарӣ табдил ёфт ва соли 2010 аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун ҷашни байналмилалӣ эътироф гардид. Тавре Пешвои миллат таъкид намудаанд: «Наврӯз ҷашнест, ки инсонро ба покию нафосат, некию накӯкорӣ, дӯстиву бародарӣ ва ваҳдату ҳамдилӣ ҳидоят мекунад». Дар идомаи чорабинӣ Қосимӣ Саъдӣ – мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар мавзуи «Ҷашни Наврӯз – рамзи ҳувийяти миллӣ» маъруза намуда, таъкид кард, ки Наврӯз ҳамчун ҷашни бостонии мардуми тоҷик дар ташаккули худшиносӣ, эҳтиром ба арзишҳои фарҳангӣ ва таҳкими ваҳдати ҷомеа нақши муҳим дорад. Ҳамчунин, Салоҳиддин Амонӣ – мудири шуъбаи коркард ва татбиқи технологияи инноватсионии таълим (таҳсилоти 12-сола)-и Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар мавзуи «Ҷойгоҳи Наврӯз дар асрҳои миёна» баромад намуда, доир ба инъикоси Наврӯз дар сарчашмаҳои таърихӣ ва нақши он дар рушди фарҳанги мардумони минтақа андешаҳои илмии худро баён намуд. Дар анҷоми конференсия мубодилаи афкор сурат гирифта, иштирокчиён доир ба масъалаҳои баррасишуда фикру пешниҳодҳои судманд иброз намуданд.

















